Бо қарори Шӯрои олимони
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
№ 6 аз «13» 01 соли 2017
қабул карда шудааст

Тасдиқ мекунам
Ректори Донишгоҳи миллии
Тоҷикистон, академик
_______ Имомзода М. С.
«__» ______ соли 2017

# Низомномаи
# баргузор намудани конгресс, конференсия, симпозиум ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон

## I. Муқаррароти умумӣ

Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», «Тартиби гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» таҳия гардида, қоидаҳои ташкил ва гузаронидани конгресс, симпозиум, конференсия, семинар, мизи гирд ва дигар чорабиниҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро муқаррар мекунад.

1.1. Конгресс, конференсия, симпозиум, семинар, мизи гирд ва ғ. (минбаъд: чорабиниҳои илмӣ) дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои густариши дастовардҳои навтарини илмӣ, муаррифсозии натиҷаҳои нави илмӣ, муҳокимаи проблемаҳои мавҷуда дар соҳаҳои гуногуни илм, интишори адабиёти илмӣ, методӣ ва маълумотномавӣ, чопи нашрияҳои даврии илмӣ, аз ҷумла бо дарҷи натиҷаҳои фаъолияти илмии кафедраҳои тахассусию умумидонишгоҳӣ ва Институти илмӣ-таҳқиқотӣ, инчунин бо мақсади дастгирӣ ва рушди заминаи илмӣ-техникӣ, иттилоотӣ ва моддӣ-техникӣ гузаронида мешаванд.

1.2. Роҳбарии чорабиниҳои илмиро, ки дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида мешаванд, кумитаи тадорукот таҳти роҳбарии муовини ректор оид ба илм амалӣ мегардонад.

1.3. Кумитаи тадорукот фаъолияти худро оид ба ташкили чорабиниҳои илмӣ дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин ба роҳ мемонад:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», «Дар бораи таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника»;
- Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо оид ба ҳуқуқи муаллиф, патентҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар оид ба моликияти зеҳнӣ;

– Тартиби гузаронидани конференсияҳо, семинарҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

– Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– Фармоишҳои ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон;

– Низомномаи мазкур.

1.4. Чорабиниҳои илмӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тибқи нақшаҳои зерин гузаронида мешаванд:

– Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ, конференсия, симпозиум, анҷуман ва семинарҳо, ки дар ДМТ, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешаванд;

1.5. Дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳамасола, чун анъана, конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандон ва донишҷӯён (ҳафтаи сеюм ва чоруми моҳи апрел), инчунин конференсияи умумии илмӣ-методии ҳайати устодону омӯзгорон (ҳафтаи сеюм ва чоруми моҳи ноябр) ба таври ҳатмӣ гузаронида мешаванд.

1.6. Чорабиниҳои илмии сатҳи байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар мувофиқа бо Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори давлатӣ гузаронида мешаванд (замимаи 3).

## II. Тартиби омода кардаии ҳуҷҷатҳо барои гузаронидани чорабиниҳои илмӣ

2.1. Тартиби ташкил ва баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ дар марҳилаҳои зерин сурат мегирад:

а) аз тарафи ташаббускор (мудири кафедра ё сардори бахш) барои гузаронидани чорабиниҳои илмӣ ба номи ректори донишгоҳ пешниҳод манзур мешавад (замимаи 1);

б) садорати факултетҳо, кафедраҳои умумидонишгоҳӣ ва Институти илмӣ-пажӯҳишӣ ҳмасола нақшаи баргузории чорабиниҳои илмиро то охири моҳи май ба шуъбаи ахбори илмӣ-техникии донишгоҳ пешниҳод менамоянд.

в) шуъбаи ахбори илмӣ-техникӣ ҳамасола тамоми чорабиниҳои илмии сохторҳоро ба Накшаи баргузории чорабиниҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ворид намуда, то моҳи июн барои тасдиқ ба Шӯрои олимони донишгоҳ пешниҳод менамояд (замимаи 2);

г) накшаи баргузории чорабиниҳои илмии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар маҷмуъ ҳамасола то охири моҳи сентябр ба Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда мешавад;

г) чорабиниҳои илмӣ тибқи мавзӯъ ва рӯзи тасдиқ гардидаи «Нақшаи баргузории машваратҳои илмӣ ва илмӣ-техникӣ, конференсияҳо, симпозиумҳо, анҷуманҳо ва семинарҳо дар Донишгоҳи

миллии Тоҷикистон», ки аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардидааст, баргузор мегардад. Сатҳи чорабиниҳои илмӣ тибқи Низомномаи мазкур (замимаи 3) муайян карда мешавад;

д) расонидани хизматҳои дигар (гизо, ҷойи либосовезӣ, таҷҳизоти техникӣ) аз тарафи кумитаи тадорукот тибқи шартнома амалӣ карда мешавад

2.2. Уҳдадориҳои шуъбаи ахбори илмӣ-техникии донишгоҳ барои гузаронидани чорабинихои илмӣ

а) сардори шуъбаи ахбори илмӣ-техникии донишогоҳ Нақшаи баргузории чорабиниҳои илмии пешниҳодшударо санҷида, барои тасдиқ ба раёсати донишгоҳ (ректор, муовини ректор оид ба илм) пешниҳод менамояд;

б) агар чорабиниҳои илмӣ дар вақти таълимӣ баргузор гарданд, пас рӯйхати синфхонаҳо (аудиторияҳо), толорҳо ва вақти гузаронидани чорабиниҳои илмӣ бо сардори раёсати таълим ҳамоҳанг карда мешавад;

в) дар сурати аз муҳлати нишондодашуда дер пешниҳод шудани ҳуҷҷатҳо аз ҷониби сохторҳо тасдиқи пешниҳод ва амалӣ кардани он чорабиниҳои илмӣ бо муовини ректор оид ба илм ҳамоҳанг карда мешаванд;

г) шуъбаи ахбори илмӣ-техникии донишгоҳ ва роҳбари кумитаи тадорукот барои ташкили чорабиниҳои илмӣ ва иҷрои талаботи бехатарии техникӣ масъул аст.

## III. Уҳдадориҳои кумитаи тадорукот оид ба баргузор иамудаии чорабиниҳои илмӣ

3.1. Барои гузаронидани чорабиниҳои илмӣ тартиби намунавии корҳои зерин муқаррар карда мешавад:

а) омода ва ирсоли номаҳои иттилоотӣ ба иштирокчиёни имконпазир;

б) номаҳои иттилоотӣ бояд фарогири маълумоти зерин бошанд: номи чорабиниҳои илмӣ, шакл, муҳлат ва ҷои гузаронидани онҳо, таърихи рӯз, шахси масъул (рӯйхати аъзои кумитаи тадорукот), телефонҳо барои тамос, суроғаи электронӣ, нишонии котиботи чорабиниҳои илмӣ, ҳаҷми пардохти ташкилӣ барои иштирок дар чорабиниҳои илмӣ, реквизитҳои пардохтии ташкилот, қоидаҳои тартиб додани тезисҳо (мақолаҳо), маърӯзаҳо ва иттилооти дигари зарурӣ.

3.2. Маводи конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пас аз ҷамъоварӣ ва таҳрири комил аз ҷониби кумитаи тадорукот то 10 рӯз пеш аз баргузории конференсия чоп карда мешавад. Ҳамаи маърӯзахои конференсия, ки ба шакли мақола ба чоп тавсия мешаванд, барои ворид намудан ба индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) дорои анататсия ва калидвожаҳо ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ бошанд. Маводи конференсияҳои сатҳи байналмилалӣ на кам аз 50 ва сатҳи ҷумҳуриявӣ на кам аз 30 мақоларо дар бар мегирад.

3.3. Байни раёсати донишгоҳ ва ташаббускор оид ба хизматрасонӣ дар чорабиниҳои илмӣ, ки барои гузаронидани онҳо зарурат вуҷуд

дорад, шартнома баста шуда, сардори шуъбаи ахбори илмӣ-техникӣ онро бо муовини ректор оид ба илм, сармуҳосиб, сардорони сохторҳои ҳуқуқӣ ва банақшагириву молиявӣ ҳамоҳанг месозад;

3.4. Нусха аз маҷмӯи ҳуҷҷатҳо ва нусхаи шартнома барои гузаронидани чорабиниҳои илмӣ дар кумитаи тадорукот ва асли шартнома дар муҳосиботи донишгоҳ нигоҳ дошта мешавад.

## IV. Маблағгузорӣ

Маблаггузории чорабиниҳои илмӣ аз ҳисоби маблагҳои Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, иштирокчиёни чорабиниҳои илмӣ ё аз ҳисоби маблагҳои дигаре, ки тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ карда нашудааст, амалӣ карда мешавад.

## V. Тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Низомномаи баргузор намудани конгресс конференсия, симпозиум ва дигар чорабиниҳои илмӣ дар Донишғоҳи миллии Тоҷикистон

Тагйиру иловаҳо ба Низомномаи баргузор намудани чорабиниҳои илмӣ дар Донишгоҳи миллии Тоҷикистон дар асоси талаботи Низомномаи мазкур бо қарори Шӯрои олимони донишгох ворид карда шуда, аз ҷониби ректор тасдиқ карда мешавад.

Замимаи 1.

**Пешниҳод**
**барои дохил намудани чорабиниҳои илмӣ ба нақшаи чорабиниҳои илмии донишгоҳ**

| | |
|---|---|
| 1. | Шакл, ном ва сатҳи чорабинии илмӣ |
| 2. | Шахси масъул барои гузаронидани чорабинии илмӣ (индекс, нишонӣ, телефон, факс,e-mail) |
| 3. | Вақт ва таърихи гузаронидани чорабинии илмӣ (таърихи рӯз, моҳ, сол ва миқдори рӯзҳои баргузорӣ) |
| 4. | Ҷойи гузаронидани чорабинии илмӣ-амалӣ (миқдори толорҳо, ҷойҳои дигар) |
| 5. | Миқдори иштирокчиёни чорабинии илмӣ-амалӣ (ҳамагӣ, аз ҷумла, аз шаҳрҳо ё давлатҳои дигар) |
| 6. | Аъзои кумитаи тадорукоти чорабинии илмӣ |
| 7. | Иштироки намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳокимияти маҳаллӣ |
| 8. | Иштироки намояндагони байналмилалӣ (агар дар нақша бошад) |
| 9. | Манбаи маблаггузории чорабинии илмӣ |

Шахси масъули ташкили чорабинии илмӣ

_________________ _________________________

*Вазифа* *Имзо* *Ному насаб*

*Таърихи рӯз*

Замимаи 2.

| № | Номгўи чорабиниҳо | Макони гузаронидани чорабинӣ ва масъулони он | Вақти баргузорӣ (моҳ), давомнокӣ (рўз) | Шумораи иштирокчиён | Вазорату муассисаҳое, ки дар кори ҷаласа иштирок мекунанд |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |

Замимаи 3.

**Шакли чорабиниҳои илмӣ ва хусусиятҳое, ки сатҳи онҳоро муайян мекунанд**

1. **Шакли чорабиниҳои илмӣ**

Чорабиниҳои илмӣ дар чунин шаклҳо ташкил карда мешаванд:

- **конгресс** – ҳамоиши бузург одатан дар бораи масъалаҳои аҳамияти байналмилалӣ дошта;
- **анҷуман** – ҳамоиш (съезд)-и намояндагони ин ё он ташкилотҳо, гурўҳҳо, инчунин шахсони алоҳида, олимон барои муҳокимаи масъалаҳои сатҳи минтақавӣ ё умумиҷумҳуриявӣ;
- **конференсия** – машварати бузурги намояндагони ин ё он ташкилотҳо, гурўҳҳо, инчунин шахсони алоҳида, олимон барои муҳокимаи масъалаҳои муайян;
- **симпозиум** – машварат, конференсия оид ба масъалаи махсуси илмӣ;
- **форум** – ҳамоиши бонуфузи оммавӣ, анҷуман;
- **семинар** – шакли машғулиятҳои гурўҳӣ оид ба ин ё он проблемаҳои илмӣ, таълимӣ ва проблемаҳои дигар, аз тарафи иштирокчиён муҳокима шудани маърўза, гузоришҳои қаблан омодашуда;
- **машварат** – ҷаласа, ҳамоиш, ки ба муҳокимаи ин ё он масъалаи махсус бахшида шудааст;
- **мизи гирд** – шакли муҳокимаи ин ё он проблема, ки дар он баранда моҳияти проблема, нуктаҳои назари мухталиф ва роҳҳои ҳалли онро муайян карда, сипас ба иштирокчиён имкон медиҳад (одатан ба қаблан омодашудагон), ки андешаҳои худро баён намоянд ва суханронии онҳоро тафсир мекунад;
- **мастер-класс** – намоиши ин ё он технология ва ё маҳорат аз тарафи устоде, ки дар касби худ маҳорати хуб дорад;
- **тренинг** – семинаре, ки дар он тавассути машғулиятҳои амалӣ диққати асосӣ ба коркард ва ё таҳкими ин ё он малака дар шунавандагон равона карда мешавад.

1. **Аломатҳои муайянкунандаи сатҳи чорабиниҳои илмӣ**

Сатҳи чорабиниҳои илмӣ вобаста ба як ё якчанд аломатҳои дар поён номбаршуда муайян карда мешавад.

- Чорабинии илмӣ дар мавридҳои зерин «байналмилалӣ» ҳисобида мешавад:

а) ҳаммуассисони чорабинӣ шахсонии ҳуқуқии хориҷӣ бошанд;

б) иштирокчиён на камтар аз ду давлат бошанд.

- Чорабинии илмӣ дар мавридҳои зерин «бо иштироки намояндагони байналмилалӣ» ҳисобида мешавад:

а) дар маводи чорабинӣ тезисҳои муаллифони хориҷии на камтар аз ду давлат чоп шудааст;

б) иштирокчиёни хориҷӣ на камтар аз як давлат бошанд.

- Чорабинии илмӣ дар мавридҳои зерин сатҳи «ҷумҳуриявӣ» ҳисобида мешавад, агар:

а) иштирокчиён намояндаи на камтар се минтақаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бошанд;

б) ҳаммуассисони чорабинӣ шахсони ҳуқуқӣ бошанд.

- Чорабинии илмӣ дар мавридҳои зерин сатҳи «умумидонишгоҳӣ» (ё «дохилидонишгоҳӣ») ҳисобида мешавад:

а) ҳаммуассиони чорабинӣ намояндагони кафедраҳои мухталифи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ мебошанд;

б) ба кумитаи тадорукоти чорабинии илмӣ на камтар аз як нафар иштирокчӣ аз кафедраи дигар дохил мешавад.

Муовини ректор
оид ба илм — Сафармамадов С. М.

Сардори шуъбаи ахбори
илмӣ-техникии донишгоҳ — Рустам Н.

Раиси кумитаи
иттифоқи касабаи донишгоҳ — Раҷабов Т. Р.

Сардори шуъбаи
таъминоти ҳуқуқии донишгоҳ — Муминов Н. И.